201
A
Alisher Navoiy
nomidagi
O'zbekiston MK

آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

12 феврали соли 2020.
Чоршанбе
№ 14 (14613)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

# НИЗОМҲОИ АКСИ АМАЛ БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ ВА НАЗОРАТИ ҶАМЪИЯТӢ ТАКМИЛ ДОДА ХОҲАНД ШУД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 11 феврал бинобар масъалаҳои такмил додани низоми акси амал бар зидди коррупсия ва назорати ҷамъиятӣ ҷамъомад баргузор намуд.***

Коррупсия яке аз саддҳои асосии роҳи рушди иқтисодиёт, фароҳам овардани муҳити воқеан мусоиди соҳибкорӣ ва иқлими сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар таҳлилҳо зарар ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз коррупсия ба ҳисоби миёна соле 2,6 триллион долларро ташкил медиҳад.

Мамлакати мо ҳам аз ин мушкилот халос нашудааст. Дар индекс, ки аз ҷониби созмони байналмилалии Transparency International тартиб дода шудааст, Ӯзбекистон дар тӯли се соли охир мавқеи худро ба 12 банд беҳтар гардонд, аммо ин иллат пурра решакан нашудааст.

Бинобар ақидаи ҳамватанонамон коррупсия дар соҳаҳои тиб, таълим, бонк, гумрук, суд, мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, хидматрасонии коммуналӣ, инчунин ҳангоми қабули шаҳрвандон ба кор васеъ паҳн шудааст.

Масалан, дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ 25-30 фоизи хароҷот ғайрисамарабахш харҷ мегарданд. Дар бисёр соҳаҳо харидҳои давлатӣ шаффоф амалӣ гардонда намешаванд.

Сарвари давлатамон дар Муроҷиатномаи ба қарибинаи худ ба парлумон зарурати аз барҳам додани оқибатҳои коррупсия ба барвақт пешгирӣ намудан гузаштанро таъкид намуда, пешниҳод сохт, ки мақомоти ҷудогонаи барои мубориза бар зидди коррупсия масъул таъсис дода шавад.

Дар ҷамъомад масъалаҳои ташкили ин сохтори нав баррасӣ гардиданд.

Оид ба коркард ва иҷрои барномаҳои зиддикоррупсионӣ дар соҳаҳое, ки дараҷаи коррупсия баланд мебошад, супоришот дода шуд.

Яке аз омилҳои асосӣ дар мубориза бар зидди коррупсия шаффофияти фаъолият ва равандҳои кории мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравcovered. Дар ин бобат бояд ба таъмин кардани рӯшодӣ ва шаффофият ҳангоми ба кор қабул кардан, харидҳои давлатӣ, додани рухсатномаҳо, литсензияҳо ва дигар ҷараёнҳо эътибори алоҳида бояд дод, таъкид гардид дар ҷамъомад.

Ба Вазорати адлия ва Прокуратураи генералӣ супурда шуд, ки дар ҳамкорӣ бо Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар вазоратҳо, ширкатҳо ва ҳокимиятҳо низоми «комплаенс-назорат»-ро ҷорӣ намоянд, ки коркард ва татбиқи чораҳои дохилии зиддикоррупсиониро пешбинӣ менамояд.

Зарурати коркард ва ҷорӣ кардани тамоми асосҳои ташкиливу ҳуқуқии декларатсия кардани молу мулк ва даромади хидматчиёни давлатӣ бо ҷалб намудани коршиносони хориҷӣ зикр гардид.

Ба шахсони масъул бинобар коркарди ҳуҷҷатҳои зарурӣ оид ба ташкил намудани сохтор оид ба мубориза бар зидди коррупсия дар асоси таҷрибаи хориҷӣ супориш дода шуд. Қайд гардид, ки он бояд натанҳо сиёсати давлатиро дар соҳаи мазкур амалӣ ва ҳамоҳанг созад, балки барои мубориза бо коррупсия тамоми қувваву воситаҳоро дошта бошад.

Яке аз воситаҳои муҳими решакан намудани ин иллат назорати ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Имрӯз дар мамлакат зиёда аз 10 ҳазор созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ фаъолият доранд. Аммо нақшу фаъолии онҳо ба назар намерасанд. Чунки низоми томе мавҷуд намебошад, ки манфиатҳои онҳоро ифода намуда, байни ин ташкилот ва давлат кӯпрук гардад.

Низоми имрӯзаи ҳамкорӣ бо ҷомеа дар то ба микёси давлат баровардану ҳаллу фасл намудани масъалаҳои мубрами халқамон ба натиҷаҳои назаррас муваффақ намегардад. Фаъолияти аксарияти созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ аз расмиятпарастӣ иборат шуда мемонанд.

Аз чунин иттиҳодияҳои бузург мисли «Маҳалла», «Нуроний», Кумитаи занон шаҳрвандон чӣ хел нафъ мебинанд. Онҳо кадом масъалаҳои муҳимро ба миён гузошта, ба ҳаллу фасли онҳо муваффақ гардиданд? Мутаассифона, ба ин суолҳо ҷавоби қаноатбахш гирифтан мумкин нест.

Ба ин муносибат дар Муроҷиатнома ба Олий Маҷлис Президент пешниҳод намуд, ки ба мақсади пурзӯр гардондани назорати ҷамъиятӣ, барқарор намудани ҳамкории боз ҳам наздики байни давлат ва ҷамъият Палатаи ҷамъиятӣ созмон дода шавад. Дар ҷамъомад вазифаҳои асосӣ, ҷанбаҳои ташкилии фаъолияти палата баррасӣ гардиданд.

Таъкид гардид, ки Палатаи ҷамъиятӣ бояд мунтазам фикру ақидаи аҳолиро омӯхта, дар назди идораҳои давлатӣ бинобар ҳаллу фасли онҳо вазифаҳои дақиқ гузорад. Муҳим будани ҷорӣ намудани чунин шаклҳои муассири назорати ҷамъиятӣ, мисли мурофиаҳои ҷамъиятӣ, мониторинги ҷамъиятӣ, экспертизаи ҷамъиятӣ ва ташаббуси ҷамъиятӣ зикр гардид.

Самтҳои муҳими фаъолияти палатаи нав инчунин ҷоннок гардондани фаъолияти созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ ва шӯроҳои ҷамъиятии назди мақомоти давлатӣ, ба онҳо расондани кӯмаки ҳамаҷонибаи методӣ хоҳанд гардид. Бинобар созмон додани асосҳои ташкиливу ҳуқуқии Палатаи ҷамъиятӣ бо назардошти вазифаҳои зикршуда, коркарди Барномаи чорабиниҳо оид ба рушди институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ дар солҳои 2020-2021 супоришҳо дода шуданд.

Инчунин масъалаҳои такмил додани фаъолияти Фонди ҷамъиятӣ оид ба дастгирии созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ ва институтҳои дигари ҷамъияти шаҳрвандии назди Олий Маҷлис, ҷудо намудани грантҳо ба созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ барои омӯзиш ва таҳияи таклифот аз ҷониби онҳо оид ба ҳаллу фасли самарабахши мушкилоти ҳаёти ҷомеа баррасӣ гардиданд.

Бинобар масъалаҳои дар ҷамъомад баррасигардида чораҳои дахлдор муайян шуданд.

**ӮзА.**

# ДАР ПАРЛУМОНИ БРИТАНИЯИ КАБИР МУАРРИФИИ ИҚТИДОРИ ИҚТИСОДИИ ӮЗБЕКИСТОН БАРГУЗОР ШУД

***Дар Палатаи лордҳои парлумони Британия оид ба мавзӯи «Пешомади ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Британияи Кабир бо кишварҳои Авроосиё» «мизи мудаввар» ба вуқӯъ пайваст, дар он намояндагони Сафоратхонаи Ӯзбекистон дар Лондон ширкат ҷустанд.***

Вохӯрӣ аз ҷониби парлумон бо ҳамкории созмони «Conservative Friendsof Eurasia» («Дӯстони Авроосиё аз Ҳизби консервативӣ») ташкил гардид. Дар чорабинӣ депутатҳои ҳар ду палатаи парлумон, роҳбарияти идораҳои иқтисодии Британияи Кабир, вакилони ҳайатҳои дипломатӣ, ҷомеаҳои тиҷоратӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва намояндагони расонаҳои ахбори оммавӣ иштирок карданд.

Дипломатҳои Ӯзбекистон дар бораи имкониятҳои сармоявӣ ва тиҷоративу иқтисодии Ӯзбекистон, ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар ҷумҳурӣ татбиқ мешаванду ба озодкунии иқтисодиёту баланд бардоштани ҷолибияти сармоявии мамлакат нигаронида шудаанд, маълумот пешниҳод карданд.

Тавре ки садри чорабинӣ лорд Питер Лиллӣ таъкид кард, «мизи мудаввар» бинобар он ки Британияи Кабир аз ҳайати Иттиҳоди Аврупо хориҷ мегардад, рӯзмарра мебошад. Вобаста ба ин Лондон ба ҷустуҷӯи имкониятҳои нав барои вусъат додани ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ бо давлатҳои хориҷӣ саъй менамояд. Ба ин маънӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ӯзбекистон, ҳамчун шарик дар соҳаҳои тиҷорат, сармояҳо, молия, таълим, иттилоотиву коммуникатсионӣ, технологияҳои «сабз», хоҷагии қишлоқ ва ғайра боиси рағбати зиёд мегарданд.

Лорд П.Лиллӣ ҳамчун собиқ ноиб-раиси Шӯрои ӯзбекистониву британиёӣ оид ба савдо ва саноат ислоҳоти васеъмиқёсеро, ки дар Ӯзбекистон татбиқ мешаванд, баланд арзёбӣ намуд, мувофиқи онҳо ба доираҳои корчаллони байналхалқӣ имкониятҳои зиёди дар мамлакат ба роҳ мондани тиҷорат фароҳам меоянд.

Депутатҳои британиёӣ барои олами берунӣ кушода шудани Ӯзбекистонро хуб арзёбӣ карданд. Бинобар баҳои онҳо ба роҳ монда шудани режими бидуни виза нисбат ба шаҳрвандони Британиёи Кабир аллакай баҳри таҳкими минбаъдаи робитаҳои британиёию ӯзбекистонӣ дар соҳаҳои иҷтимоиву сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ва маданиву инсонпарварӣ такони пурқувват доданд.

Дар доираи «мизи мудаввар» намоишгоҳи кишварҳои иштирокдори чорабинӣ ба амал омад. Дар намоишгоҳи Ӯзбекистон иштирокдорон бо ҷойҳои диданиии кишвари мо шинос шуданд, аз таомҳои миллии ӯзбекӣ баҳравар гардиданд.

**АИ «Дунё»,**
*ЛОНДОН.*

# СЕ СОЛИ БУНЁДКОРИҲО

«Мо се сол қабл барои ба зинаи нави тараққиёт бардоштани мамлакатамон ба корҳои сарнавиштсоз оғоз бахшидем. Дар ин роҳ ба тавону имконият ва иқтидори зеҳнии халқамон такя карда, ба натиҷаҳои басе муҳим ноил гардидем».

***(Аз Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев ба Олий Маҷлис)***

**Бо назардошти дар мамлакатамон Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ эълон гардидани соли 2020-ум 3 феврали соли ҷорӣ дар вилояти Бухоро икдоме таҳти унвони «Диёре, ки куҳансолонаш арҷманд, фидоиёнаш иззатманд, ҷавононаш соҳибэътиборанд» ибтидо гирифт. Мақсад аз ин тадбир шинос кардани куҳансолон, зиёиён ва ҷавонон бо бунёдкориҳоест, ки дар вилоят амалӣ мешаванд.**




Субҳи 3 феврал бештар аз сад нафар куҳансолони ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят, ки дар соҳаҳои гуногун роҳбарӣ кардаанду ба ҷавонон намунаи ибратанд, дар бинои Маркази ҷавонони вилоят ҷамъ омаданд. Онҳо бо роҳбарии раиси Шӯрои шуъбаи вилоятии Бунёди «Нуронӣ» С. Ҳусенов ва дигар кормандони масъул бо ду автобуси замонавӣ сӯйи ноҳияи Ғиҷдувон раҳсипор гардиданд. Собиқадорони меҳнат сафари худро аз боздиди зиёратгоҳи намояндаи барҷастаи тариқати хоҷагон ва сарҳалқаи силсилаи «Ҳафт пир» Абдулхолиқ Ғиҷдувонӣ оғоз намуданд.

Имом-хатиби масҷиди ҷомеи «Хоҷаи Ҷаҳон» Ориф Амонов меҳмононро бо ҷараёни ободгариҳои зиёратгоҳ ва сохтмони масҷиди нав шинос кард.

Тамошои бозори нави деҳқонии Ғиҷдувон, ки дар арафаи соли нав ба истифода супурда шуд, ба бинандагон хуш омад. Барои сохтмони он 110 миллиард сӯм харҷ гардид. Бозор аз павилони кушоди савдо (дорои 1864 ҷой), се дукони дуошёнаи савдо, инчунин павилонҳои алоҳидаю растаҳои гӯшт, ширу моҳифурӯшӣ, меваю сабзавот, нону қандалотфурӯшӣ ва ғайра иборат аст.

– Дар бозорҳои мо чунин шароити дилхоҳ бори аввал фароҳам оварда мешавад, – таъкид намуд раиси шуъбаи ноҳиявии Бунёди «Нуронӣ» Раҳмат Маҳмудов. – Ин натиҷаи оромиву осоиштагӣ ва сиёсати инсонпарваронаи сарвари давлат аст.

Меҳмонон майдони бештар аз панҷгектараи бозорро аз назар гузаронданд, дар ин ҷо ду ҳазор нафар соҳиби ҷойи доимии кор шудаанд. Бинобар фароҳам омадани имкониятҳои муносиб дар ноҳия ҳар сол ба ҳисоби миёна зиёда аз 300 субъекти соҳибкорӣ ба фаъолият оғоз мекунанд. Ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуди «Бухоро Файзтекстил» ва «Парвоз ҳумо равнақ транс» аз ҷумлаи корхонаҳои саноатие мебошанд, ки аллакай бо содироти маҳсулот дар хориҷи мамлакат шинохта шудаанд.

– Мо ҳосили 9 ҳазор гектар майдони агрокластери ноҳияи Олотро қабул намуда, ҳар сол 9400 тонна пахтаро аз нав кор мекунем. Яъне ҳар моҳ корхонаамон 300 тонна ашёи хомро аз нав кор карда, маҳсулоти нимтайёри калоба истеҳсол мекунад.

Имрӯз дар сеҳҳои ресандагӣ, калобаю риштаресӣ, истеҳсоли бӯз, гулрезӣ ба матоъ ва рангдиҳӣ бештар аз 350 нафар коргарон фаъолият дошта бошанд ҳам, норасоии мутахассисон эҳсос мегардад. Музди меҳнати кормандон аз 400 ҳазор то 4 миллион сӯм, – гуфт директори ҶММ «Парвоз ҳумо равнақ транс» Нодир Умаров. – Барои онҳое, ки аз роҳи дур омада кор мекунанд, хобгоҳ дорем.

Дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Бухоро Файзтекстил» куҳансолонро директори корхона Мустақим Тӯхтаев ва ҳамкоронаш пешвоз гирифтанд. Маълум гардид, ки ин корхона бо Эрон, Хитой, Туркия, Русия ҳамкорӣ дорад. 200 нафар кормандон баҳри истеҳсоли маҳсулоти хушсифати бозоргир азму кӯшиш доранд, вале, мутаассифона, номураттабӣ дар таъминоти барқ ба ҷараёни кор таъсир мерасонад.

Корхонаи «Ғиҷдувон машҳураси»-ро аксарият ҳамчун муассисаи таълими ноанъанавӣ мешиносанд. Вале вай ҳоло бо сарварии бонуи корозмуда Замира Сафарова ба истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ, аз ҷумла ба истеҳсоли маҳсулоти пардоз, намудҳои гуногуни пенопласт, семент-бетон машғул аст.

Сафариён баъди меҳмондории ғиҷдувониён ба зиёрати ду пири комил аз «Силсилат-уз-заҳаб» – зиёратгоҳҳои Хоҷа Орифи Моҳитобон ар-Ревгарӣ (ноҳияи Шофиркон) ва Хоҷа Маҳмуд Анҷири Фағнавӣ (ноҳияи Вобканд) рафта, мафтуни ҷозибаи нави онҳо шуданд. Дуои хайр, шукронаи рӯзгори пурнишоти эшон ба дилҳо фараҳ мебахшид.

Корхонаи «Экваториал Чодак»-и ноҳияи Вобканд бо истеҳсоли шалворҳои ҷинс, пойафзори гуногун ва корҷома мувофиқи дархости корхонаҳо сазовори эътибору эҳтиром гаштааст. Ин ҷо 280 нафар зан ва духтарон соҳиби кори доимӣ шудаанд.

Тамошои иморатҳои зебои иттиҳодияи тиббии ноҳияи Вобканд, кулаиҳои фароҳамовардашуда дар бинои нави замонавии поликлиникаи марказӣ, хидматрасониҳо бо мақсади розӣ кардани аҳолӣ, саволу ҷавобҳо бо сардухтур Аскар Баҳронов ва ғайра ба меҳмонон писанд омад.

(Давомаш дар саҳ.2).

***Ин суханон ҳақиқати забон ва дили ҳар як нафаре, ки тибқи Фармони Президенти мамлакат «Дар бораи омурзиши гурӯҳи шахсоне, ки ҷазоро дар ҳабсхонаҳо гузаронда, аз амалҳои худ аз таҳти дил тавба кардаанд ва қатъиян роҳи дурустро пеш гирифтаанд» омурзида шудаанд, мебошанд.***

# ОЗОДӢ, ХОТИРҶАМЪӢ ВА МЕҲРИ ОИЛА БЕҚИЁС АСТ

Мувофиқи банди 23 моддаи 93-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 58 шаҳрванде, ки бо фармони Президент авф шудаанд, 5 нафарашон аз вилояти Намангон мебошанд. Ҳамзамон ҷиҳати мутобиқ шудани онҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ чораҳои фароҳам овардани шароит бобати бо кори фоиданок шуғл варзидани онҳо андешида мешаванд.

Як гурӯҳ ходимони масъули ҳокимиятҳои вилоят ва шаҳр, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба хонаҳои шаҳрвандоне, ки аз муассисаҳои иҷрои ҷазо баргаштаанд, рафта, бо аъзои оила ва хешовандони онҳо аз наздик суҳбат карданд. Мушкилоти мавҷуда омӯхта шуда, оид ба тарғиби тарзи ҳаёти солим ва ҷойи муносиб пайдо намудан дар ҷамъият чораҳо андешида мешаванд. Инчунин, ба оилаи авфшудагон маҳсулоти хӯрокворӣ тақдим карда мешавад.

— Ман ба эътимоди Президент, халқамон албатта сазовор хоҳам шуд, — мегӯяд Ҳ. Ҳакимов. — Рости гап, баробари хушҳол шудан аз чунин ғамхорӣ аз ору номус вуҷудамро шарм фаро мегирад. Дар натиҷаи роҳгум заданам ва хатои худ ба қадри озодӣ, хотирҷамъӣ, оила ва бо меҳнат зиндагӣ кардан барин неъматҳо расидам. Ҳоло, сазовор гардидан ба эътимод, бо рӯи сурх гаштан дар назди халқ аз худи мо вобаста аст. Дар оянда то ки ин тамғаи «маҳкумшуда» тамоман фаромӯш шавад, ваъда медиҳам, ки софдилона меҳнат мекунам ва фарзанди вафодори кишвари худ мегардам.

**А. САТТОРОВ,**
**мухбири ӮзА.**

Муносибат

# МАҚСАДҲОИ БУЗУРГ ДАР РОҲИ ФАРДОИ КИШВАР

***Дар Муроҷиатномаи Президент натиҷаҳои корҳои ба сомон расида ҷамъбаст гардид. Нақшаҳои асосӣ барои панҷ соли дигар мушаххас баён ёфтанд. Инак, дар бораи муроҷиатномаи сарвари давлат сиёсатмадорон, олимон, муаррихон, одамони касбу кори гуногун, хулоса ҷомеаи васеъ муносибати худро иброз медоранд.***

Дар ҳақиқат, Президент баробари номбар кардани як қатор комёбиҳои соҳаҳои гуногун, ки ҳатто онро нашрияҳои бонуфузи дунё эътироф намудааст, боз вазифаҳои асосии ҷомеаро барои ояндаи кишвар, фаровонҳолии халқ ёдрас менамояд.

Ислоҳоти асосӣ дар ҷодаҳои иқтисодиёт, сохтмон, мактабу маориф, тандурустӣ, варзишро шартҳои зарурии пешрафти соҳаҳо мешуморад. Дар ин роҳ илму маърифат дар ҷои аввал қарор дорад. Президент мегӯяд: «Илм ва маърифат барои баланд бардоштани иқтидори зеҳнӣ ва маънавии на фақат ҷавонон, балки тамоми ҷомеаи мо аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар ҷое, ки илм инкишоф намеёбад, пастравӣ, қафомонии ҷамъият дар тамоми соҳаҳо мушоҳида мегардад».

Дигар ин ки дар ҳамон ҷабҳаҳои иқтисодиёт ҷорӣ намудани технологияи муосири коммуникатсионӣ талаби давр аст, мегӯяд ӯ ва ташаккул додани иқтисодиёти рақобатбардорро пешниҳод менамояд.

Инак, соли 2020 бо ташаббус ва пешниҳоди сарвари давлат Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ эълон гардид.

Дар назди роҳбарони мақомоти гуногун, ҳокимиятҳо аз ин пас вазифаҳои муҳим қарор доранд. Онҳо ҳар як муаммо ва мушкилии ҷавононро амиқтар омӯхта, бояд барои ҳалли он кӯшиш намоянд, зеро шиддати давр ҳаминро тақозо дорад. Ҷавонон ояндаи кишваранд. Барои ташаккул додани Ӯзбекистони нав ҷонбозӣ ва ҳаракатҳои ҷавонон нақши муҳим дорад.

Барои пешрафти иқтисодиёт, қабл аз ҳама, решакан намудани ришвахӯрӣ, ки чун иллати нобоб дар ҷомеа реша девондаает, шарт ва зарур мебошад. Ба гуфти сарвари давлат бо «ваксинаи ҳалолӣ» эм кардани тамоми ҷомеаи мо ҳадафи асосии пешрафти ҷомеаву давлат мебошад.

Дар Муроҷиатнома илму дониш гирифтани ҷавонон алоҳида қайд мегардад.

Дар ояндаи наздик ба 50-60 фоиз расонидани шумораи дохилшавандагонро маълум мекунад. Ба ғайр аз ин, ду маротиба зиёд намудани миқдори грант ба ҷавонон имконият фароҳам меоварад, ки ҳар чӣ бештар дар муассисаҳои олии таълимӣ хонанд. Барои ояндаи кишвар ва гулгулшукуфии он саҳми худро гузоранд. Дар ҷодаи таълим эътибори алоҳида нигарондани Президент ба математика, кимиё, биология, геология ҳамчун фанҳои фундаменталӣ қобили дастгирист. Бесабаб нест, ки барои аз худ намудани фанҳои дигар даставвал фанҳои дақиқро дурусттар аз бар намудан зарур аст.

Президент назди роҳбарон, мудирони қабулхонаҳои халқӣ вазифаҳо мегузорад.

Депутатҳоро ҳушдор медиҳад, ки ҳеҷ гоҳ аз ёд набароранд, ки онҳо ноиби халқанд. Бояд аз дарду ташвиши мардум ба таври ҳамешагӣ огоҳ бошанд.

Вагарна дар ҷомеа ва назди халқ обрӯи худро гум мекунанд.

Афзун намудани миқдори маблағ барои дастгирии қишри қашшоқи аҳолӣ, вусъат додани сохтмони манзилҳои истиқоматӣ дар солҳои наздик, эътибори асосӣ нигаронидан ба мустаҳкамиву пойдории оила, оммавӣ гардондани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ба ин васила тарғиби тарзи ҳаёти солим дар Муроҷиатнома ҷойгоҳи хос доранд.

**Боймурод ҶАББОРОВ,**
**депутати Шӯрои намояндагони халқи ноҳияи Янгиободи вилояти Ҷиззах.**

# ОЯНДА БА РУШДИ ТАЪЛИМ ВОБАСТАГӢ ДОРАД

## ДАР МАКТАБҲОИ ТОҶИКИИ НОҲИЯИ ФОРИШ КОРҲОИ ТАЪЛИМУ ТАДРИС ЧӢ ГУНА БА РОҲ МОНДА ШУДААСТ?

Ҳамин ки дар ҳокимияти ноҳия аз матлаби мо воқиф гардиданд, сармутахассис Сардор Хӯҷаназаров ба шуъбаи таълими халқи ноҳия занг зада хоҳиш кард, ки моро истиқбол намоянд.

Мудири шуъбаи таълими халқи ноҳия Ойбек Эрхоновро ҳамон рӯз дар дафтари кориаш вохӯрдем. Ӯ баъди саломи алейк каме дар хусуси вазъи таълиму тарбия дар мактабҳо ҳарф зад. Назар ба гуфти ӯ идораи шуъбаи таълими халқ бинои собиқ хоҷагии ширкати «Фориш» мебошад.



– Барои ба ин бино соҳиб гардидан борҳо ба роҳбарони ноҳияву вилоят рӯ овардам, – гуфт Ойбек Эрхонов. – Гуфтам, ки ходимони таълими халқ бояд соҳиби сарпаноҳи худ бошанд. Дигар ин ки биноҳои якчанд филиал аз нав сохта шуд. Ин филиалҳо ба мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии рақами 46, 49, 31, 32 марбутанд. Дар ҳар як филиал ба ҳисоби миёна 10-15 нафар хонанда таҳсил мекунад. Донистам, ки саранҷомиву сариштагии ҳар як муассисаи таълимӣ ба роҳбари он ва атрофиёнаш вобастагии қавӣ дорад. Ҷое, ки назму тартиб нест, табиист, ки ҷиҳозҳои мактаб, дороиҳои онро ба яғмо мебаранд, чун гавҳараки чашм эҳтиёт намекунанд...

Нахуст дар мактаби 13-уми деҳаи Порашт қарор доштем. Аз суҳбату мулоқот бо омӯзгорони мактаб аён гашт, ки барои синфи 8 китоби дарсии физика, синфи 9 иқтисод намерасад. Бо саъю кӯшиши омӯзгорон ба китобхонаи мактаб якчанд дона китоби тозанашри тоҷикӣ дастрас гардид. Мо бо худ якчанд нусха китобҳои «Хирмани сухан»-и Юнуси Имомназар ва «Даҳ пурсишу даҳ посух»-и Паймонро бурда будем. Аз китобдори мактаб ду дона китоби «Авҷи ҳикмат»-и Ҳикмат Султонзодаро барои худ ва ҳамроҳам харидам. Аммо баъдтар аз ин кори худ афсӯс хӯрдам, ки мабодо ба хазинаи маънавии мактаб зарар расонда бошам.

Дар дил қарор кардам, ҳамин ки аз ин китобҳо пайдо кунам, ду дона китоби охирро ҳатман бармегардонам.

Дар мактаб ҷараёни дарсҳоро мушоҳида намуда, ба хонандагони синфҳои болоӣ бо якчанд савол муроҷиат ҳам кардем. Мутаассифона, на ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои саҳеҳ дарёфтем.

– Ҳамин пагоҳӣ дар мактаб бахшида ба зодрӯзи шоир Ҷонибек Қувноқ тадбир гузаронидем, – гуфт ҷонишини директор оид ба корҳои маънавият Собир Эргашев. – Хонандагон аз ашъори шоир шеъру ғазалҳо қироат намуданд.

***

Мактаби рақами 46 дар Саргоҳи деҳаи Ӯхм воқеъ аст.

– Баъди холӣ шудани синфхонаҳои коллеҷи касбу ҳунари наклиёт ва хидматрасонии деҳа хонандагони мактаб дар ин ҷо таҳсил мекунанд, – гуфт директор Асалбой Икромов. – Мактаб 272 нафар хонанда дорад. Дар филиали мактаб, ки дар деҳаи Арсаф воқеъ аст, 15 нафар таҳсил мекунанд. Барои сохтани бинои нави он 671 миллион сӯм маблағ аз худ гардид. Норасоии китобҳои дарсӣ эҳсос мегардад. Ҳоло дар китобхонаи мактаб 350 нусха китоби бадеӣ мавҷуд аст. Барои синфи 9 китоби дарсии «Забони немисӣ», барои синфи 3 «Тарбияи ҷисмонӣ» камчин аст. Низоми гармидиҳии бинои коллеҷ нағз кор намекунад.

Мактаби рақами 14 низ дар деҳаи Ӯхм воқеъ аст. Мактаб номи омӯзгори адабиёти навини тоҷик устод Садриддин Айниро дошт. Сарвари мактаб Қандиёр Саидов моро пешвоз гирифт, сипас дар хонаи омӯзгорон бо аҳли мактаб суҳбат оростем. Онҳо мушкилу масъалаҳои зиёдеро гуфтанд. Чунончи, омӯзгор Ӯктам Элмуродов гуфт, ки дар вақти ба бозомӯзӣ рафтан аз сабаби набудани тест ба забони тоҷикӣ моро бармегардонанд, дар натиҷаи ин аз гирифтани иҷорапулӣ маҳрум мешавам. Муаллимаи забону адабиёти тоҷик Гулнора Рӯзиева аз мушкилфаҳмии забони рӯзнома ва китобҳои дарсӣ гила намуд.

Омӯзгори фанни физика Кӯшоқ Қазоқов ба таҷрибаи чандинсолаи кори худ такя намуда, гуфт, ки зимни ҷумлабандӣ дар китобҳои дарсӣ ба вайрон шудани мантиқи сухан роҳ додаанд. Забони китобҳои тарҷумашуда басо мураккаб мебошад.

Омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик Ҷ. Кӯқонов эътироз кард, ки тестҳои тоҷикӣ дастрас нест. Ҳангоми додани тарҷумаи ҳоли шоиру нависандагон солу моҳҳо ғалат аст, духӯрагӣ ба назар мерасад. Дар ин мактаб 244 нафар таҳсил мекунанд. 27 нафар омӯзгорон дарс медиҳанд.

Мактаби рақами 49 дар болооби деҳаи Ӯхм воқеъ аст. Тарзи коргузорӣ ва ба роҳ монданни таълимро дар ин мактаб нисбатан хуб арзёбӣ мекунанд. Солҳои охир як идда ҷавонон донишгоҳҳои ҷумҳуриро хатм намуда омаданд. Табиист, ки кадрҳои ҷавон аз усулҳои замонавӣ ва интерфаъол дар ҷараёни дарсҳо истифода бурдан мехоҳанд. Аммо бояд гуфт, ки ин саъю ҳаракат дар ҳоле самара мебахшад, ки омӯзгор аз болои худ кор кунад, мунтазам омӯзад. Мутахассис оиди кор бо муроҷиатҳои шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқии шуъбаи таълими халқи ноҳия Абдураҳмон Шоимов, ки моро ҳамроҳӣ мекард, низ ин нуктаро эътироф карда гуфт, ки ҷамоаи омӯзгорони мактаб ба навовариҳо моиланд, аз навигариҳои соҳаи таълим зуд хабардор шудан мехоҳанд, ки қобили дастгирист.

Ва ниҳоят ба мактаби рақами 32-юми деҳаи Моҷарм расидем. Азбаски рӯз аз нисф гузашта буд, синфхонаҳо холӣ, хонандагон аллакай ба хонаашон баргашта буданд. То омадани сарвари мактаб Асалбой Акабоев дар идораи муаллимон бо омӯзгорони фанни забону адабиёти тоҷик Ҳамро Раҳимов ва Обид Раҳимов суҳбат кардем.

– Ҳамин рӯзҳо касеро мекофтам, ки дарди диламро холӣ кунам, – гуфт Ҳамро Раҳимов. – Хуб шуд, ки шумо омадед. Хонандагон дар озмунҳои фаннӣ то марҳилаи вилоятӣ мерасанд. Азбаски тест ба забони тоҷикӣ нест, душворӣ мекашанд. Компютери мактаб кӯҳна шудааст. Онро ҳанӯз соли 2007 гирифта будем. Моҷарм аз қадим макони паҳлавонон мебошад. Бобомурод Файзиев, Арслон Элов маҳз зодаи ҳамин деҳаанд ё аҷдодашон аз ҳамин ҷоянд. Афсӯс, ки имрӯз барои сайқал додани ин ҳунари бобоӣ, яъне гӯштии миллӣ дар мактаб ягон имконият нест. Бинои зимистонаи варзишӣ даркор аст. Хуб мешуд, ки дар рӯзномаи «Овози тоҷик» омӯзгорони мактабҳои тоҷикии ҷумҳурӣ аз таҷрибаҳои корӣ, дарсҳои намунавии хеш матолиб дарҷ намоянд.



Дар Парлумони кишвар зимни муҳокима ва тасдиқи лоиҳаи Қонун «Дар бораи буҷа барои соли 2020» депутатҳо аз норасоии компутер ва тахтаҳои синфӣ гап заданд. Ба ин соҳа маблағи буҷа равона ҳам гардид. Умед аст, ки ин мушкилоти мавҷуда дар мо низ ҳал мешаванд.

***

Дар ҳамаи мактабҳо мо аз мушкилот ва масъалаҳои ҳалталаб, камбудиҳои таълиму тарбия хабардор шудем. Чунончи дар оинаҳои синф, шиору шоҳбайтҳои роҳравҳо ва синфхонаҳо саҳву ғалатҳо ба чашм мерасанд. Роҳбарони синф бе рухсати расмии роҳбарони мактаб дарс мегузаранд. Иҷрои панҷ ташаббуси Сарвари давлат бояду шояд риоя нагардидааст. Ҳатто хонандагони синфҳои болоӣ аз ин мафҳум ба пуррагӣ огоҳ нестанд. Дониши хонандагон оиди забон ва адабиёт ҳам ҳамин қадар аст. Бояд гуфт, ки бештари масъалаҳои бамиёнгузоштаи омӯзгорон дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳалли худро меёбанд. Мо дар ҳар як мактаб, қабл аз ҳама, бобати обунаи рӯзнома ҳарф задем. Нисбати рӯзномаи тоҷикӣ беэътиборӣ эҳсос мешавад.

– Дониши хонандагон худ аз худ муаррификунандаи кори омӯзгорон аст, – гуфт зимни суҳбат масъули мониторинг ва таҳлили шуъбаи таълими халқи ноҳияи Фориш Фаррух Шомуродов. – Ҳоло вақти он расида, ки бо омӯзгорони ҷавон бештар сарукор дошта бошем, ман хоҳиш мекардам, ки шартномаро дар соҳаи таълими халқ бекор кунанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

**Суратгир: Раҳимшоҳ ШАРИФЗОДА.**

---

**Дар мактаби эҷодии ба номи Ҳалима Худойбердиева бахшида ба 579-умин солгарди мавлуди шоир ва мутафаккири бузург Алишери Навоӣ таҳти унвони “Савти munоҷот” тадбири адабиву мусиқӣ баргузор гардид.**

# “САВТИ МУНОҶОТ” – ДАР МАКТАБИ ЭҶОД

Дар чорабинӣ сенатор, роҳбари шуъбаи Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон дар вилояти Сирдарё, шоира Ҳаётхон Ортиқбоева, Ҳунарпешаи шоистаи Ӯзбекистон Асатилло Холиқов, хонандагони мактаб ва дигар меҳмонон иштирок карданд.

Тадбирро директори мактаб, шоир Муҳаммад Исмоил бо суханҳои зерин ифтитоҳ кард:

– Роҳи зиндагии ин абармарди инсонпарвар сар опо намунаи ибрат аст. Ӯ ҳамчун шоир ва мутафаккир ба хазинаи тамаддуни ҷаҳон саҳми арзанда гузошт... Аз ин ҷост, ба мероси адабии Алишер Навоӣ на танҳо олимону муҳаққиқони Шарқ, балки шарқшиносони Ғарб низ таваҷҷӯҳ зоҳир кардаанд. Омӯхтани мероси адабии шоир аз ҷониби шарқшиноси Фаронса Катрмер ва олимони рус И. Березин, М. Никитский далели ин фикр аст.

Шоира Ҳаётхон Ортиқбоева низ доир ба шуҳрати ҷаҳонии эҷодиёти Алишер Навоӣ ва аҳамияти имрӯзаи асарҳои шоир сухан гуфт.

Хонандагони мактаб С.Холбоева, К. Синдорова, З.Мингбоева, Ҳ. Ҳасанова ва дигарон намунаҳоро аз ғазалиёти шоир бо маҳорати тамом қироат карданд. Сарояндаи хушовоз Асатилло Холиқов сурудҳоро бар матни ғазалҳои Алишер Навоӣ бо маҳорати тамом иҷро кард. Махсусан суруди “Савти муноҷот”-и ӯро иштироккунандагони тадбир бо хушнудӣ истиқбол карданд.

**Т. БОҚИЕВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик” дар вилояти Сирдарё.**

---

**Панҷ ташаббус – дар амал**

# ЧОРАБИНИҲОИ МУФИД

Бар асоси панҷ ташаббуси сарвари мамлакат дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Сӯх чорабиниҳои зиёд роҳандозӣ мешаванд. Ин чорабиниҳо барои баланд бардоштани савияи ҷавонон, ривоҷ додани соҳаҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ-маърифатӣ, бомазмун ташкил намудани вақти холии ҷавонон, ба соҳаи санъату адабиёт, театру мусиқӣ, варзиш, технологияи иттилоотӣ ва истифодаи самаранок аз интернет, маданияти китобхонӣ, китобдӯстӣ, ба кор таъмин намудани ҷавонон мусоидат менамоянд.

Аз ҷумла, яке аз чунин чорабиниҳои муфид дар мактаби таълими ҳамагонии рақами дуюми ноҳия дар мавзӯи “Панҷ ташаббуси муҳим – дар амал” барпо шуд. Дар семинар мудири шӯъбаи таълими халқи ноҳия, вакилони мактабҳо, собиқадорони соҳаи маорифи маҳаллаҳои Янгиариқ ва Ровон ширкат варзиданд. Донишомӯзони мактаб аввал оиди панҷ ташаббуси муҳим, ки аз ҷониби Раисиҷумҳур пешниҳод гардидааст, маълумот доданд ва баъд барои иштирокчиёни семинар ҳунарҳои худро ба намоиш гузоштанд.

Дар доираи ташаббуси якум таҳти роҳбарии устодони пуртаҷриба А.Эрматов, Э.Султонова, А.Андапӯлодова ва дигарон, ки ба афзун гардонидани шавқи ҷавонон ба мусиқӣ, рассомӣ, адабиёт, театр ва намудҳои дигари санъат равона карда шудааст, донишомӯзон маҳсули ҳунари худро намоиш доданд.

Ҳарчанд дар мактаби мазкур толори варзишӣ мавҷуд нест, донишомӯзони он аз муаллимони фидоӣ А.Тӯрабеков, Э.Файзуллоев, Ш.Шотоиров сирру асрори навъҳои гуногуни варзишро меомӯзанд. Дар ин чорабинӣ шогирдони онҳо низ маҳорати аз мураббиён омӯхтаашонро намоиш доданд.

Дар мактаб барои баланд бардоштани саводнокии донишомӯзон оид ба технологияи ахбор ва ташкил намудани истифодаи самаранок аз интернет хонаҳо ташкил карда шуда, онҳо бо компутерҳои замонавӣ таъмин гаштаанд. Ба хонандагон омӯзгори тоифаи олӣ Ҷ.Насриддинов аз сирру асрори технологияи иттилоотӣ дарс мегӯяд. Хеле хуб буд, ки шогирдони ӯ низ ба меҳмонон корро бо компутер бо маҳорати том нишон дода тавонистанд.

Оид ба ташаббуси чаҳорум таҳти сарварии китобдори мактаб Ҳ.Шодиева, муаллимаҳо Н.Мирзоева, Ҷ.Сиддиқова ва Г.Шодиева тақдимоти китобҳои бадеӣ ва хониши ифоданок баргузор гардид, ки боиси болидахотирии иштирокдорони чорабинӣ гашт.

**Санҷар ИСМОИЛЗОДА,**
*вилояти ФАРҒОНА.*

---

**Бузургдошт**

# ДАР ҶУСТУҶӮЙИ ДУРРУ МАРВОРИДҲОИ МАРДУМӢ



Санъатшинос Файзулло Кароматов соли 1925 дар Бухоро дар оилаи зиёӣ дида ба дунё кушодааст.

Баъди хатми мактаби миёна дар мактаб-интернати мусиқии ба номи Глиэри пойтахт таҳсил гирифт. Сипас ба факултети забон ва адабиёти ӯзбеки Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Низомии Тошканд дохил шуд. Баъди хатми донишкада шавқи мусиқӣ ӯро ба Консерваторияи давлатии Тошканд овард. Ф. Кароматов дар давоми панҷ соли таҳсил дар консерватория ба омӯхтани таърихи санъати мусиқии халқҳои Шарқ, сурудҳои халқӣ, санъати тамошоюю зочабозӣ, бадеҳаю таронаҳои халқӣ ва миллии ӯзбеку тоҷик саъю кӯшиш ба харҷ дод.

Баъди хатми консерватория Ф. Кароматов дар аспирантураи Консерваторияи давлатии ба номи Чайковскии Маскав таҳсил гирифта, ба омӯхтани сурудҳои халқии ӯзбек ҷиддӣ машғул шуд, сурудҳои фолклории олимони ҷаҳон, асарҳояшонро доир ба таронаҳо омӯхт, зимни сафар дар вилоятҳо таронаҳои шӯх ва бадеҳаҳоро рӯнавис кард, бо забони русию ӯзбекӣ мақолаҳо навишт, дар анҷуманҳои миқёси ҷумҳурӣ бо маърӯзаҳои худ иштирок кард. Тӯли чанд сол роҳбарии Донишкадаи тадқиқотии санъатшиносиро ба ӯҳда дошт. Соли 1955 дисертатсияи номзадӣ, соли 1971 доктор иро таҳти мавзӯи «Мероси мусиқии халқи ӯзбек» ҳимоя кард. Соли 1973 ба ӯ унвони профессорӣ дода шуд.

Ф. Кароматов солҳои 1972-1982 роҳбари кафедраи мусиқии халқҳои Шарқи Консерваторияи давлатии Тошканд буд. Дар давоми роҳбарии ӯ иқтидори илмии кафедра хеле афзуд, ба тарбияи кадрҳои ҷавон эътибори алоҳида дода шуд. Дар омӯзондани таърихи санъати мусиқӣ ва тамошои халқҳои Осиёи Марказӣ хидматҳои Ф. Кароматов беқиёс аст. Таҳти роҳбарӣ ва иштироки бевоситаи ӯ аз соли 1958 то соли 1978 ба вилоятҳои Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Чимкент, Кӯлоб, Бадахшони Кӯҳӣ экспедитсияҳои «Аз пайи сурудҳои халқӣ» ташкил карда шуданд.

Ф. Кароматов дар омӯхтани мусиқии халқҳои тоҷик, туркман, қазоқ низ ҳиссаи худро гузошт. Онҳоро дар алоҳидагӣ ҷамъ карда, доир ба сурудҳои фолклории халқҳои бародар маҷмӯа тартиб дод. Кароматов хоҳ ҳангоми кор дар театри Бухоро, хоҳ дар консерватория, баробари таълиму тарбия, фикру хаёлаш ба ҷамъ кардани суруду бадеҳа ва таронаҳои халқӣ банд буд. Ӯ ба ҳар як деҳа, авул, саҳроҳои аҳолинишин рафта бадеҳаву таронаҳоро аз забони халқ навишта гирифт. Онҳоро аз нуқтаи назари жанр, шакл, мавзӯъ, ғоя, иҷро тасниф кард. Дар натиҷа китоби дуҷилдаи «Мусиқии халқи ӯзбек» ба миён омад. Бо ташаббуси бевоситаи ӯ дар консерватория кафедраи мусиқии Шарқ ташкил карда шуд. Олими заҳматкаш дар анҷуманҳои мамлакатҳои Аврупо ва Осиё бо маърӯзаҳои худ иштирок кард. Доир ба таронаҳои халқии тоҷикони Помир мақолаҳо навишт. Тадқиқотҳои ӯ, ки аҳамияти ҷаҳонӣ доштанд, ба узвияти Шӯрои мусиқии ЮНЕСКО пазируфта шуд. Ба воситаи тадқиқотҳои ӯ мусиқишиносони ҷаҳон бо мусиқии халқи мо ошноӣ пайдо карданд, зеро аксарияти асарҳои илмии ӯ ба забони русӣ нашр шуда буданд. Бо ҳамкории санъатшиноси тоҷик Низом Нурҷонов ба Помиру Ғарм экспедитсияи фолклорӣ ташкил намуд ва маҳсули эҷодии онҳо китоби «Мусиқии халқии Помир» бо забони русӣ рӯйи чопро дид. «Мавригӣ»-и Бухоро низ бо ҳамин тарз ба аҳли илму адаб маълум гаштааст.

Мо медонем, ки ба санъати мусиқии касбии тоҷик Борбади Марвазӣ асос гузоштааст. Ӯ бо асбоби мусиқии худ – барбат анъанаи офаридани як силсила оҳангҳоро (охири асри VI, нимаи аввали асри VII) оғоз бахшидааст. Баъд аз он дар Шарқ, хусусан Осиёи Марказӣ, асарҳои мусиқии «Дувоздаҳ мақом» – иборат аз чанд шуъба, «Шашмақом» офарида шуданд ва дар давоми асрҳо ташаккул ёфтанд.

Ф. Кароматов бо санъатшинос Исо Раҷабов солҳои тӯлонӣ ҳамкорӣ карда, сарчашмаҳои кӯҳнаро ба тарзи қиёсию типологӣ омӯхт ва аз нигоҳи илмӣ собит намуд, ки «Шашмақом» дар асри XVIII куллан ташаккул ёфтааст.

Ӯ ноширӣ чанд асари фундаменталӣ доир ба соҳа мебошад. Дар тарбияи ходимони илмии соҳаи санъатшиносӣ, корҳои илмию тадқиқотӣ ва маънавию маърифатии онҳо роҳбарӣ кардааст. Таҳти роҳбариаш ҷавонони боиқтидори зиёд доир ба самтҳои мухталифи санъатшиносӣ дисертатсияи номзадӣ ва доктор иро ҳимоя намуданд. Алҳол онҳо на танҳо дар Ватан, балки дар Тоҷикистон, Туркманистон, Озарбойҷон низ анъанаи Кароматовро идома медиҳанд.

Хидматҳои шоёни Кароматов аз тарафи давлат муносиб тақдиронида шудааст. Ӯ бо унвони «Арбоби хидматнишондодаи илми Ӯзбекистон» (1981), ордени «Эл-юрт ҳурмати» сарфароз гардидааст.

**Ҳ. ҲОМИДӢ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор.**

---

# МОШИНҲО КОРИ РАИСОНРО ОСОН МЕГАРДОНАНД

***Раисони шӯроҳои мувофиқгардонии фаъолияти ниҳодҳои худидоракунии шаҳру ноҳияҳои вилоят ба мошинҳои хизматӣ соҳиб шуданд.***

– Дар паёми Президенти мамлакат ба Олий Маҷлис вазифаҳои ниҳоди маҳалла муайян карда шуд. Бо гузашти вақт ба дӯши раисони маҳалла вазифаҳои басо пурмасъулият гузошта мешаванд,– изҳор кард ҳокими вилоят Шӯҳрат Ғаниев.

– Дар вилояти мо барои беҳбуди фаъолияти 19 ниҳоди худидоракунӣ ва фароҳам овардани шароити созгор корҳои зиёд ба анҷом мерасанд. Танҳо соли гузашта 17 ҷамоати шаҳрвандони маҳалла ба биноҳои нав кӯчиданд, бештар аз 30 бинои ҷамоати шаҳрвандон куллан тармим гардид ва бо дастгоҳҳои зарурӣ муҷаҳҳаз сохта шуд. Соли равон 190 бинои ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо аз таъмир бароварда ва муҷаҳҳаз мегардад,– мегӯяд ҷонишини якуми раиси Шӯрои мувофиқгардонии фаъолияти ниҳодҳои худидоракунии вилоят Шавкатҷон Эрматов.

Бо мошинҳои сабукрави “Cobalt” таъмин кардани шӯроҳои шаҳру ноҳияҳо низ натиҷаи ислоҳоти се соли охир мебошад.

– Ноҳияи мо аз маркази вилоят хеле дур аст. Баъзан дар равуо мушкилот пайдо мешаванд ва ба маҷлису чорабиниҳо дар вақташ расида наметавонем. Акнун Кенгаши мо бо мошини хидматӣ таъмин шуд ва мушкили мо хеле осон,– мегӯяд раиси Шӯрои мувофиқгардонии фаъолияти ниҳодҳои худидоракунии ноҳияи Сӯх Фазлиддин Додокаримов.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

---

# ТАШРИФИ ҲОКИМ БА ХОНАИ ШОИРИ МАЪРИФАТПАРВАР

***Шоир ва мутафаккири бузурги Шарқ Мир Алишери Навоӣ яке аз онҳоест, ки ба равияи зуллисонайнӣ – ба ду забон шеър навиштан асос гузоштаанд. Ҳоло ин анъанаи некро як зумра адибони самарқандӣ, аз он ҷумла Ҳаёт Неъмат идома медиҳад. Ба ҳамин муносибат ҳокими вилоят Эркинҷон Турдимов дар арафаи таҷлили зодрӯзи шоири зуллисонайн Мир Алишери Навоӣ ба хонаи шоир Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ ташриф овард. Суҳбати ҳокиму шоир дар атрофи як пиёла қаҳва сурат гирифт.***

– Ман дар чаҳорсолагӣ дар натиҷаи фалокате маҷрӯҳ шуда, ҳар ду поям фалаҷ гардид ва ҳаштуним сол дар банди қолаби гаҷии бемористон хобида, аз синфи як то ҳафт дар мактаби русии бемористон таҳсил гирифтам. Пас аз синфи ҳашт то даҳ дар мактаби миёнаи тоҷикии рақами 16-уми ноҳияи Самарқанд хондам ва номаи камол гирифтам, – гуфт Ҳаёт Неъмат. – Ҳоло низ ҳарчанд ногирои гурӯҳи якум ҳастам, бо кори эҷодӣ машғулам.

Воқеан Ҳаёт Неъмат бидуни маълумоти молиявӣ аз соли 1965 то соли 1983 дар идораи таълими халқи ноҳияи Самарқанд ба ҳайси сармуҳосиб ва соли 1983 то синни нафақа ҳамчун сармуҳосиби идораи таълими халқи вилояти Самарқанд ифои вазифа дошт.

Мавсуф аз 16 солагӣ ба ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ шеър мегӯяд. Намунаи ашъораш дар рӯзномаву маҷаллаҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Эрон, Эстония, Фаронса, Британияи Кабир, Амрико, Исроил чоп шудаанд. 100 ғазали Саъдӣ, 120 ғазали Ҷомӣ ва 100 ғазали Имом Хумайнӣ дар тарҷимаи ӯ ба забони ӯзбекӣ аз ҷониби интишороти “Алҳудо”-и Эрон чоп шудааст.

Ҳаёт Неъмат дар соҳаи дромнависӣ низ қалам ронда, чанд дроми манзум офаридааст. «Мунтасир», “Подшоҳи мулки ишқ”, “Шоҳ Сулаймон”, “Меҳри пирӯз ё зодаи нур”, дилогияи “Дарди рӯзгори Одам” иборат аз ду намоишнома – “Бародаркуш” ва “Фаромӯшӣ” аз ин ҷумла мебошанд. Дилогияи “Дарди рӯзгори Одам” соли 1997 дар озмуни дромнависони тоҷик сазовори мукофоти дувум шуд.

Соли 2015 дар озмуни бахшида ба панҷсолагии байналмилалӣ шудани ҷашни “Наврӯз”, ки Кумитаи радио ва телевизиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кард, сенарияи ӯ “Шукронаи Наврӯзӣ” сазовори ҷойи аввал гашт.



Ӯ дар риштаи тадқиқодӣ низ фаъолият бурда, оид ба забони Мавлавӣ “Фарҳанги мардумии осори Мавлавӣ”-ро таълиф намудааст. Ғайр аз ин тазкираи адабиёти тоҷики Самарқанд дар асри бист бо номи “Сипеҳри Орзу” ва тазкираи адабиёти тоҷики Бухоро дар асри бист бо номи “Уммони беобмонда”-ро ба чоп омода кардааст.

Соли 2000 Ҳаёт Неъмат ба Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Деваштич ноил гашт.

Ҳаёт Неъмат дар бисёр конфронсу симпозиумҳои байналхалқӣ, ки дар Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Эрон, Арманистон, Британияи Кабир сoзмон шудаанд, иштирок кардааст.

Ӯ соли 1976 бо нишони Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон сазовор гардида, узви Шӯрои анҷумани байналхалқии тоҷикон ва форсизабонони дунё “Пайванд”, аз соли 2000 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.

Ҳокими вилоят ба ҷевони китобҳои ӯ зеҳн монда, пурсид, ки дар ин ҷо чанд адад китоб ҳаст ва оё асарҳои ӯ ҳам гузошта шудаанд? Соҳибхона гуфт, ки дар китобхонаи шахсии ӯ қариб 10 ҳазор нусха дастхатҳои ноёб, асарҳои доир ба Самарқанд, инчунин китобҳо ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ мавҷуданд.

Ҳаёт Неъмат дар бораи дӯстии ду халқ ҳарф зада, шеърҳои худро қироат намуд.

Дар поёни мулоқот шоири самарқандӣ ба ҳокими вилоят асарҳои тозанашри худро пешкаш кард.

**З. ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

Муҳити иҷтимоӣ

# «КУФ-СУФ» ГУФТА ТЕД...»



– Ассалому алейкум, – вақте аз роҳи рў ба рўи идораи рўзнома мегузаштам, сўям илтиҷоомез духтараки гандумии даҳдувоздаҳсола ба умеде нигоҳ мекард. Ўро шинохтам – вай ҳамон лўлидухтаре буд, ки маъмулан дар ҳамин ҷо дар ҳар гуна ҳавову фасли сол аз роҳгузарон чизе металабад. Ва азбаски ман дар роҳи коргоҳ зуд-зуд аз ин ҷо мегузаштам ва баъзан барояш «чизе» мебахшидам, салому алейк мекард. Баъзан вобаста ба нақди вақт ҳолпурсӣ мекунам ва барои он ки «вақти кории» ўро низ нагирам, ғарибонае медиҳам. Азбаски рўз ҳам ҷойи худро кам-кам ба шом иваз мекард, яъне фурсати ҷамъбасти вақти корӣ расида буд, пурсидам, ки «корҳо чӣ хел?» «Мазаш нест» гуфт дар ҷавоб дилгирона. Ин маънои онро дошт, ки имрўз пули ҷамъкардааш чандон кирой нест.

– Чанд сўм ғун шуд? – хостам аниқтар кунам, ки барои «мазаш нест» гуфтан камаш рўзе чанд сўм бояд ҷамъ шавад.

Ба як қабза пули коғазии даруни сумкачааш, ки бо бандаш аз китф гузаронда буд, нигоҳ карду лоқайдона «бир юз қирқ минг» гуфт...

Онҳоро маъмулан дар ҳар ҷойи пойтахт, ҳатто дар ноҳияву қишлоқҳои вилоят дучор мешавам, ки одатан ду-сенафарӣ халтаву хурҷин дар китф ё дар хароба гардиш мекунанд ва аз пўшоки кўҳна то баклашкаву шишаву оҳанпора ғун мекунанд. Гоҳ-гоҳ мошинсавор ҳам вомехўранд, ки барои серғунҷоишӣ ва арзониаш «Москвич»-ро интихоб мекунанд.

Як дафъа ба зодгоҳ, ки аз пойтахт беш аз сад километр аст, омада, аз тозагии ҷўйборҳои маҳалла хушҳолона тааҷҷуб кардам, ки маъмулан аз пакету пластику коғази ғизои хўрданӣ пур мешуд. Хурсанд шуда ба худ гуфтам, ки «наход ба аҳли маҳалла инсоф дода бошад». Хушҳолиам дер давом накард – баъдтар донистам, ки ба маҳаллаҳои мо санитарҳо – лўлиҳои аробасавор омада рафтаанд...

Вобаста ба шароит ва давру тақозои он шеваву тарзи зиндагӣ ва шуғли асосии ин қавм, ки онҳоро дар минтақаҳои гуногун ҷўгӣ, мўлтонӣ ва ҳатто баъзеашонро дар водии Фарғона мазанг ҳам меноманд, низ тағйир ёфта метавонанд. Дар кўчаҳо, хиёбонҳо низ ин чиз зуд ба назар мерасад. Дар талабидан асосан фарзандони хурдсоли онҳо давуғеҷ мекунанд, чунки онҳо ҳам чандон ба назар намехўранд ва ҳам ходимони милитсия бо онҳо он қадар кордор намешаванд. Дар ҳолатҳое, ки фарзандонашон бемор мешаванд ва ё бо кори дигаре мераванд, ё бачаҳои хешони наздикро бо худ, ба қавли худашон ба «триллинг» мебаранд, ё умуман дар хона мемонанд, чунки бе «коргари асосӣ» – бачаи хурдсол ба «кор» баромадан фоида надорад. Лекин аз зарурат ба маккориҳое низ даст мезананд, ки ин аз рўи ахлоқи маъмулӣ ба назар ҷоҳилона низ мерасад. Занҳо одатан хурдҳоро ба кор андохта, худашон дар паноҳи ягон дарахт ва ҷойи хилват ҷамъ шуда меистанд. Аз ин занҳо якеро, ки худро Саида шинос карда буд, дар алоҳидагӣ дар назди истгоҳи мошинҳо дидам, ки дар даст кўдаки ширхоре дошт, ки ба назар ҳамагӣ чандҳафтагӣ менамуд.

– Кўдак кардӣ? – пурсидам бо ҳайрат.

– Не, бачаи додарам, дар даст кўдак дошта бошӣ, талбидан осонтар, одамон раҳмдилтар мешаванд, – осудаҳолона ҷавоб дод вай.

Дарвоқеъ, аз мушоҳидаҳоям медонам, ки баъзан байни бачаву духтарони онҳо чунон ҷанҷолу ҳаёҳуву мағал мехезад, ки ба онҳо албатта барои ҳимояи фарзанди худ модаронашон ҳамроҳ мешаванд, ки дар натиҷа ҳам атрофро безобита мекунанд ва агар ходимони милитсияи мавзеъ хабардор шаванд, кор то ҷое мерасад, ки аз онҳо забонхат гирифта, ҳатто ҷарима ҳам мекунанд.

– Хусусан ман бояд эҳтиёткортар бошам, – гуфт бо ҷиддият ҳамон Саида. – Аз ин пештар ду бор барои дуздӣ ҳабс карда буданд. Ҳоло акнун баъди ин қонун (ў моҳи декабри соли 2018 ба Кодекси ҷавобгарии маъмурӣ ва Кодекси ҷиноӣ дохил намудани тағйиротро дар назар дошт, ки ҷазоро барои гадоӣ ва ҷалб кардани ноболиғон ба ин кор сахттар кардааст) кор карданамон душвортар шуд. Дигар ошкоро даст дар пеш карда гаштан намешавад. Ҳар кас кори худро мекунад – милитсия ҳам, мо ҳам. Вагарна рўзгорро чӣ гуна мегузаронем, – мегуфт ҳамсуҳбатам ва аз гапҳояш чунин натиҷагирӣ карда, ба худ гуфтам, ки «ғавғои сагон кам накунад ризқи гадоро».

Боз як «шуғли» онҳо вақтҳои охир хеле кам ба назар мерасад. Дар ёд дорам, ки занҳои онҳоро ҳамин чанд сол пеш дар як даст бе кўдаку дар дасти дигар бе кафлеси дуди ҳазориспанд тасаввур кардан душвор буд. Дар бораи фолбиниашон, ки ба назар ҳамеша касби миллӣ ва азалии онҳо менамуд, ҳоло ҳатто шунидан намехоҳанд. Барои ба ин боварӣ ҳосил кардан ва санҷидан боз ҳамон дар атрофи идораи корамон ба чанд нафарашон бо «илтимоси» фолкушоӣ муроҷиат кардаам. Ба ин хоҳиши ман умуман ҷавоб намедоданд ё хомўшӣ ихтиёр мекарданд.

Аммо як дафъа яке аз онҳо, ки худро Назира шинос карда буд, дар ҷавоби ин саволҳои ман гуфт, ки ҳоло дар марказҳои шаҳр ба дуд кардан иҷозат намедиҳанд ва аз ин сабаб фақат дар канортар аз шаҳр ва дар бозорҳои калон ҳазориспанд дуд мекунонем.

– Фол дидан бошад, кори ҳар кас не, ба ин баҳона дурўғ гуфтан ҳам дуруст нест, – мегуфт Назира самимона. – Ҳоло хеле ками аз мо фол мекушоянд, онҳо ҳам бошанд асосан кампиронамон.

Дар давоми чанд соли охир, ки бо онҳо гоҳ-гоҳ радду бадал мекунам, дарк кардам, ки доираи забонфаҳмиашон ва истифодаи калимаҳо низ хеле маҳдуд аст. Азбаски бо шеваи махсусу маҳдуди тоҷикии худ суҳбат мекунанд, баъзе аз калимаву ибораҳояшонро фаҳмиданам мушкил буд. Аз боиси ин ки онҳо ҳамеша вақтро «ғанимат» дониста, ба гапҳои «беҳуда» фурсат надоранд, бисёр ба гап гирифтан мушкил аст, чунки агар донанд, ки аз шумо чизе намерўяд, зудтар аз паи каси дигар мешаванд. Барои ҳамин ҳам аз аввали суҳбат ба ин шиносҳои худ шамма мекунам, ки албатта чизе мебахшам, то он ки ба гап моилӣ пайдо кунанд.

Яке аз рўзҳо дар хиёбони Сайлгоҳи маркази пойтахт наздам духтараки сабзинае, ки худро Заррина меномид, давида омад ва мисли ҳамеша хира шудан гирифт, ки чизе бароям бахшам.

– Чандсолаӣ? – пурсидам аз фурсат истифода карда. Гуфт, ки «ўн икки». – Ба мактаб меравӣ? – боз кунҷковӣ кардам. «Не» гуфту қабзаи пули дасташро ба шумурдан сар кард: «бир, икки, уч...» – Набошад шумурданро аз куҷо ёд гирифтӣ? «Аз кўча» гуфту боз дасташро бо илтиҷо сўям дароз кард. Баъд аз он ки як дона панҷсадсўмӣ додам, дубора ба ман гардонду «куф-суф» гуфта тед, бобарака шавад» гуфт ва ман ҳам гўё табъи дили вай ҳамин корро карда, пулро баргардондам...

Воқеан ин бачаву духтарони кўча дар пойтахт шумораро ба тоҷикӣ намедонанд, ҳатто калонсолҳояшон бо азобе рақамҳоро ба тоҷикӣ ба забон меоранд.

Агар сухан аз синни шавҳаркунии момоёнамон равад, тааҷҷуб мекунем, ки чӣ тавр онҳо дар синни наврасӣ, фаразан, то понздаҳ нарасида шавҳар кардаанд. Имрўз ҳам дар атрофи мо мардумоне ҳастанд, ки духтаронашон айнан дар ҳамин синни умр ба шавҳар мерасанд.

Рўзҳои гарми тобистон буд, ки бо рафиқам дар беруни ошхонае ғизои нисфирўзӣ мехўрдем ва ҳамин лаҳза аз наздамон ду духтар аз намояндагони ин қавм мегузаштанд, ки хеле лоғару ноҷор менамуданд. Ҳамоне, ки дар даст бачаи ширхор дошт, раҳораҳ тарафи мо дасти талаб дароз кард. Ба ҷои он ки мо чизе ба дасти талбида диҳем, пурсидем, ки «бача аз худат аст?» Тасдиқ кард, ки бачаи худаш аст. Ва мо аз афзоиши ҳайрат донистан хостем, ки чанд сол дорад. Бисёр боҷуръат ҷавоб дод, ки чордаҳсола аст. Бо рафиқам бо як даҳон тааҷҷубовар пурсидем, ки «дар ҳамин бачагӣ шавҳар кардӣ?» Ҷавоби лутфомези вай моро беш аз он дар ҳайрат гузошт: «Кампир ба кадом мард даркор!?»

Барои он ки нозирони тартибот онҳоро дар гадоӣ, яъне шуғли манъшуда муттаҳам накунанд, дар дасташон чанд баста дастпоки тар гирифта мегарданд, ки дар ноомади кор «не, онҳо гадоӣ намекунанд, дастпокфурўшӣ мекунанд». Агар ба қавли маъруф бигўем, «шавад обӣ, нашавад лалмӣ».

Маълум мешавад, ки дар фикри баъзеи онҳо хаёлҳои дурусти ба одамони муқаррарии ҷамъият хос низ пайдо мешудааст. Ҳамон шиноси кўҳнаам Саидаро боре дар маҳалли «кораш» ошуфтаҳол дидам ва аз рўзгори сахт ва бешафқаташ ҳасрат карду аз писари дувоздаҳсолааш Бобо гила менамуд, ки ба гапаш гўш намеандозад, гапнодароӣ карда он рўз ҳатто ҳамроҳаш наомадааст, ки «триллинг» кунад. Дар охир ҳатто хоҳиш ҳам кард, ки барои ягон кори аниқ пайдо кардан кумак расонам. Дар ҷавоб гуфтам, ки нусхаи шиносномаашро оварад, то ки ягон ҷораашро ҷўем.

Чанд рўз баъд боз дар кўча маро диду аз бобати кор пурсон шуд. Ҳамон лаҳза онсўтар чанд фаррош кўчарўбӣ мекард ва ҳамонҳоро нишон дода гуфтам, ки мисли ҳаминҳо кор кардан мехоҳӣ. Як лаҳза тааммул кард ва кунҷковона пурсид, ки инҳо чанд сўм маош мегиранд. Гуфтам, ки «тахминан як миллион» ва боз бо тааҷҷуб пурсид, ки «дар як моҳ чанд бор мегиранд?» Пас аз он ки ман гуфтам «як-ду бор», қиёфааш дигар шуду гуфт: «Ман то гирифтани ин маош аз ҳисоби чӣ зиндагӣ мекунам?»

Мавзўи пайдо кардани кор, бо вуҷуди он ки чанд бор шамма кардам, дигарбора кушода нашуд.

Ҳамаи ин бардоштҳое, ки рўйи коғаз овардам, маҳсули мушоҳида ва мусоҳибаҳои чандинсола буд ва табиист, ки ҳамаи онро дар доираи як мақолаи рўзнома бозгўӣ кардан имкон надорад. Боз бояд бигўям, ки ин маълумотҳои бозгўишуда низ ба осонӣ ба даст наомад, чунки вобаста ба вазъу кайфият ва димоғи қаҳрамонҳоям баъзан маҷбур будам ба дашному ҳақоратҳояшон парво накарда, берўёна суҳбатро давом диҳам. Ё «бо зўри зар» дилашонро ёбам, ки дар ин муддати тўлонӣ хеле харҷ ҳам кардам. Дар ҳар сурат, агар хонандаи азиз, аз ин навиштаҳо баҳра бурда, дар бораи ин қавми аҷибу машҳуру парокандаи ҳамзабони мо ягон зарра маълумоте нав гирифта бошад, пас ба он харҷу дашномҳои шунида дилам намесўзад.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Тақдимот

# Маросими муаррифии китоби “Хамсаи дўстӣ”

*“Дар Осиёи Марказӣ тўли асрҳои зиёд намояндагони қавму миллатҳо ва фарҳангу мазҳабҳои гуногун дар фазои сулҳу осоиш зиндагӣ карда омадаанд. Барои мардумони мо ҳамеша меҳмондўстӣ, накўкорӣ, саховатмандӣ ва кушодадилӣ аз хислатҳои хос шумурда шуда, асоси менталитети онҳоро ташкил медиҳад”.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ.***

**Дар толори “Кохи ҷавонон”-и шаҳри Тошканд маросими муаррифии китоби “Хамсаи дўстӣ” баргузор гардид, ки дар дастаҷамъӣ таълиф шудааст. Дар маросими он арбобони давлатӣ, депутатҳои парлумон, олимону шоирон, вакилони марказҳои миллӣ-фарҳангӣ, донишҷўён ширкат карданд.**
**Ҳадафи асосӣ боз ҳам мустаҳкам намудани робитаҳои дўстиву рафоқати байни мардумони минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.**

Дар маросими муаррифии китоб маълум шуд, ки дар он роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти панҷ алломаи панҷ миллати маскуни Осиёи Марказӣ маълумот дода шудааст. Ҳамчунин дар пайи он, дастандаркорони китоби “Хамсаи дўстӣ” зарбулмасалҳои ин халқҳоро гирдоварӣ ва дар фаслҳои ҷудогона барои китобхон пешниҳод кардаанд. Ҳар як баромадкунанда, дар баробари он ки ба муҳтавои китоб саре занад, илова мекард, ки маҳз дар ин солҳои охир муносибатҳои дўстонаву некҳамсоягӣ ба дараҷаи баланд бароварда мешавад.

– Осиёи Марказӣ бисёр олимону фозилон ва азизу авлиёро, ки ифтихори олам ва тамаддуни исломӣ мебошанд, зодаву парвардааст. Адибону донишмандони бузург ва мероси бебаҳои онҳо барои муттаҳид намудани тамоми халқҳои минтақа хидмати босазо хоҳад кард, – гуфт яке аз ҳаммуаллифони китоби “Хамсаи дўстӣ” олим ва сиёсатмадори шинохтаи кишвар Оқил Салимов.

Дар китоб перомуни ҳаёт ва фаъолияти Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Абай (Иброҳим) Қунанбоев, Чингиз Айтматов ва Махтумқулӣ мухтасаран маълумот дода шудааст.

Журналист ва адабиётшинос Аҳмадҷон Мелибоев зимни суханронӣ ба он нукта таваҷҷўҳи иштирокчиёни маросимро тамаркуз дод, ки ба пешвози Рўзҳои адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар Ўзбекистон Театри миллӣ дар саҳнаи худ намоишномаи “Рўдакӣ”-ро ба намоиш хоҳад гузошт. Вай гуфт, дар ин се соли охир бо ташаббусҳои наҷибонаи Шавкат Мирзиёев ва бархўрдҳои мусбати сарони кишварҳои ҳамҷавор муносибатҳо хуб мешаванд ва робитаҳои фарҳангӣ низ беш аз пеш доман фарох менамоянд.

Вақте ки навбати суханронӣ ба депутати парлумон, узви Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон Хуршед Дўстмуҳаммад расид, вай дар боби дўстиву рафоқати мардуми минтақа ривоятҳо ва ҳикоятҳои пандомез нақл намуд. Ба гуфтаи ў халқҳои Осиёи Марказӣ ҳамеша бо ҳам дўст буданд. Вай афзуд, ки ин дўстиро маҳз мо боз мустаҳкамтар менамоем, агар ҳама дар атрофи ҳам муттаҳид шавем, мушти пурқувват ҳосил мешавад ва амну субот ҳамеша пойдор мемонад, муваффақиятҳои панҷ кишвар беш аз пеш афзоиш меёбанд.

– Имрўз миллатҳои ўзбек, тоҷик, қирғиз, қазоқ ва туркманро шохаҳои як дарахти бузурги маънавӣ меҳисобанд, ки ин беҳуда нест. Бояд тазаккур диҳам, ки ҳамин нукта дар китоби “Хамсаи дўстӣ” низ махсус қайд шудааст. Умри ин чанори маънавӣ бошад, бешак, безавол аст. Гузашта аз ин, дар миқёси дунёи имрўза дигаргуниҳо хеле бошиддат ва ба таври ногаҳонӣ рух медиҳанд. Ин ҳол дар назди аҳли қалам ва фарҳангу адаб вазифаҳои ҷиддӣ мегузорад. Ин вазифаҳо аз он иборатанд, ки фарҳангсолорон, адибон бояд ҳамеша ҳамоиши маънавӣ ва ваҳдату ҳамгароиро талқин намоянд. Ҳамин китоб меваи босамари Ўзбекистони ҷадид таҳти роҳнамоии Шавкат Мирзиёев аст,– мегўяд адабиётшинос Амина Шарофиддинова.

Дар маросими муаррифии китоб шеъру мусиқӣ ва ҳунар низ баҳам омезиш ёфт. Ҳунармандони касбиву худомўз якчанд намоишномаро ба маърази тамошо гузоштанд, ки аз рўйи мероси алломаҳо таҳия кардаанд. Он ба забонҳои гуногун рўйи саҳнаи толори “Кохи ҷавонон” омад. Ҳамчунин овозхонҳо низ ҳунарнамоӣ карданд ва ба ин маросим шукўҳи тоза бахшиданд.

Дар як гўшаи ин толори барҳаво намоиши китобҳои бадеӣ, илмӣ ва публитсистӣ низ баргузор шуд. Ин китобҳо бо қаламҳои адибони гузаштаву муосир, шоирону нависандагони панҷ кишвари Осиёи Марказӣ таълиф шудаанд.

Қобили қайд аст, ки китоби “Хамсаи дўстӣ”-ро нашриёти “Тасвир”-и Тошканд бо гарнитураи хос мунташир намудааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**



*Дар мамлакатамон баҳри оммавӣ гардондани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тарғиби тарзи ҳаёти солим эътибори алоҳида дода мешавад. Зеро амал кардан ба тарзи дурусти ҳаёт – кафолати муҳими саломатии мост.*

*Дар оилаи Юсуф Ҳамроев ва Наргиза Каримоваи бухороӣ шуғл ба тарбияи ҷисмонӣ ба тартиби доимии рўз дохил шудааст.*

*– Касбам шифокор, – гуфт Юсуф Ҳамроев. – Ҳифзи саломатӣ, дар пешгирии касалиҳои гуногун мавқеи муҳим доштани варзиш, фаъолияти ҷисмониро аҳли оилаамон хуб дарк менамоянд. Дар маҷмўи варзиши бачагона ва наврасони назди истиқоматгоҳамон шуғл варзидан ба мо одат шудааст. Духтаронам – Азизахон ва Нодирабегим теннисбозиро интихоб кардаанд.*

***Дар сурат:** ҳангоми машғулот.*
***Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ЎзА).***

# “THE DAILY OUTLOOK AFGHANISTAN” ДАР БОРАИ ИСЛОҲОТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ

***Нашри навбатии “The Daily Outlook Afghanistan” мақолаеро таҳти сарлавҳаи «Дар Ўзбекистон Донишгоҳи илмҳои геологӣ таъсис дода мешавад» чоп шуд.***

Дар он қайд мешавад, ки Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба пажўҳишгоҳҳои илмии Тошканд ташриф оварда, дар он ҷо барои сохтмони кампуси донишгоҳи нав – Донишгоҳи илмҳои геологӣ хишти аввал гузошт.

Донишгоҳ дар заминаи чаҳор донишкадаи Кумитаи давлатии геология – геология ва геофизика, гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ, маъданҳои фоиданок, геология ва иктишофи конҳои нафту газ таъсис дода мешавад.

Пас аз муттаҳид кардани чор донишгоҳ, муассиса бо навтарин таҷҳизот муҷаҳҳаз гардонда шуда, дар якҷоягӣ бо Донишгоҳи кўҳкории Санкт-Петербург ва дигар донишгоҳҳо ва марказҳои таҳқиқотии ҷаҳон барномаҳои таълимӣ таҳия ва амалӣ мешаванд.

«Имрўз мо барои як муассисаи илмиву таълимӣ таҳкурсӣ мегузорем, ки рушди ин соҳаро суръат мебахшад», – суханони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёевро иқтибос меорад нашрия.

**АИ «Дунё»,**
*КОБУЛ.*

Солҳо ва тақдирҳо

# ҚАҲРАМОНИ МО

**Дар шаҳри Самарқанд шахсе зиндагӣ мекунад, ки унвони «се карат қаҳрамон»-ро дорад. Ҳоло нақли мо дар бораи ҳамин сарбози диловари байналмилал аст.**

Ўро соли 1981 ба Афғонистон фиристоданд. Дар он ҷо бо ҳамсангарон вазифаи байналмилалиро иҷро карда, дар чанд амалиёти ҳарбӣ ширкат варзид.

Дар вилояти Тахор, ки марказаш шаҳри Толуқон буд, бо ҳамшаҳрии худ Толиб Нуриддинов адои қарзи ҷавонмардӣ мекарданд. Ҳар бегоҳӣ сарбозони қисми ҳарбӣ саф ороста, номи шаҳидон – Абдураҳим Қудратов ва Раҳмонқул Облоқулови самарқандиро, ки ба рўйхати қисм абадӣ дохил карда шуда буданд, ба ёд меоварданд. Онҳо ҳангоми амалиёти ҳарбӣ ҷасорату мардӣ нишон дода ҳалок шуда буданд. Дар як гўша акс ва тарҷимаи ҳоли ин ҷавонон сабт ёфта буд. Халилҷону Толибҷон баъди ба ҷойи таъиншуда омадан дар муддати кўтоҳ ба муҳити нав одат карданд, вазъиятро омўхтанд. Онҳо ҳамроҳи ҷанговарони афғон супоришҳои гуногуни ҳарбиро иҷро ва аз ҳама муҳимаш, амнияти сокинони маҳаллиро ҳифз менамуданд. Дар тўли ду сол Халилҷон бо гурўҳи махсус 179 маротиба бо чархбол дар амалиёти ҳарбӣ иштирок кард, чандин бор бо душману марг рў ба рў шуд. Бояд гуфт, ки барои ба ҷонибИ ҳукумат гузаштани ду дастаи муҷоҳидон саҳми Х.Иброҳимзода низ буд. Сиҳҳату саломат ба Ватан баргаштани худро Халилҷон аз илтиҷои модари муқаддас ба Худованди меҳрубон медонист. Аммо марги нобаҳангоми ҳамсангарони худро шунида, чун шамъ обу адо мешуд. Боре командири қисм ўро таъҷилан назди худ хонд ва гуфт, ки ҳамшаҳриаш Хуршед Қамар қаҳрамонона шаҳид шудааст ва вай бояд ҷасади устодашро то Самарқанд роҳбаладӣ кунад. Халилҷон бори нахуст амри сардорашро инкор кард. Командири рамузфаҳм ба ашки сўзону ҳолати ҳаяҷоновари ў нигариста, чизе нагуфт. Баъди чанд сол, ҳангоми дар маркази деҳаи Хаймар гузоштани нимтанаи ин шаҳиди диёри афғон тадбире ба вуқўъ пайваст ва ў ба сухан баромада, он воқеаи нохушро нақл кард.

Халилҷон Иброҳимзода пас аз бозгашт ба Ватан дар ташкилотҳои гуногун адои вазифа намуд. Бештари умри худро ба корҳои ҷамъиятӣ бахшид. Соли 1990 ҷонишини раиси иттиҳодияи ҷанговарони байналмилали вилояти Самарқанд интихоб гардида, барои абадӣ гардонидани хотираи неки 164 нафар шаҳидони Афғонистон саҳми арзанда гузошт. Вай аз солҳои аввали таъсис ёфтани рўзномаи «Овози Самарқанд» аз хабарнигорони фаъоли ҷамоатии он мебошад. Бо дўсти наздикаш, ҳайкалтарош, узви вобастаи Академияи рассомони Ўзбекистон Қамариддин Наҷмиддинов дар офаридани муҷассамаҳои шаҳидон Адаш Турсунов, Хироҷиддин Ғиёсов, Бахтиёр Ваҳҳобов, Миряъқуб Иброҳимов, Садрӣ Саидов ва дигарон саҳм гирифт, маслиҳатҳои худро дареғ надошт. Ҳамчун котиби маҳаллаи Фурқат ва раиси шўрои ҷанговарони байналмилали шаҳри Самарқанд хизмати шоиста кард.

Аз ҳама муҳимаш бо ҳамсари вафодору садоқатмандаш Гавҳар Ҳотамова се нафар фарзандонро таълиму тарбия доданд. Гулдухтараш Санобар, писарҳо Фазлиддину Фахриддин ифтихори сулолаи Иброҳимзодаҳо буда, 7 нафар набера ба бобову бибӣ олам-олам хурсандӣ мебахшанд.

– Ба ҳамроҳи диловару бебок Халилҷон ҳамсангаронамон «тахаллус»-и аҷоиб додаанд, – аз азми мақола навиштани мо огоҳӣ ёфта, гуфт раиси шўрои вилоятии «Ветеран»-и сарбозони мустафъӣ ва ногироҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон Эркинҷон Мавлонӣ. – Боре дар яке аз мактабҳои ноҳияи Самарқанд бо ҷанговарони байналмилал вохўрӣ баргузор гардид. Чанд нафар сарбозони мустафъӣ ташриф фармудем, ки дар байни онҳо Халилҷон Исроилович низ ҳузур дошт. Қабл аз вохўрӣ бо ҷамоаи омўзгорон ва толибилмон ҷонишини директор оид ба маънавият барои муаррифии меҳмонон исму насаби ҳозиронро пурсид. Сардори гурўҳамон Юсуф Неъматович ҳамаро якяк шинос карду нисбати Халилака бо тариқи шўхӣ гуфт, ки «ана ин шахс се карат Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Иброҳимзода мебошанд».

Муаллимаи зудбовар, ки садри маҷлис буд, аз минбар эълон кард, ки акнун риштаи сухан ба «се карат Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ» Иброҳимзода дода мешавад. Тааҷҷубовар буд, аз ҳозирон ҳеҷ кас эътирозе баён накард.

Пас аз вохўрӣ Юсуф Абдуллоев иброз дошт, ки Халилҷон Исроилович акнун бе шўхӣ «се карат қаҳрамон» шуд. Иштирок дар ҷанги Афғонистон, бешубҳа, қаҳрамонӣ буд, дуюм аз баҳри истироҳат баромада бо корҳои ҷамъиятӣ машғул шудан низ қаҳрамонист. Савум, баъди ин қадар ҷонфишонӣ ва фидокориҳо ба синни муборакн 70 расидан ҳам кори ҳар кас нест.

**Ҷаъфар ҶАББОРӢ,**
**раиси иттиҳодияи «Сиёвуш»-и ноҳияи Самарқанд.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-235. Адади нашр 958, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.